Ба Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА – 055
барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти
дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси назди Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович ба кори диссертатсионии Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои баркӣ» (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6Д050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот.** Таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва амнияти озуқавории давлат, кам кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ бештар аз инкишофи босуръати саноатикунонии иқтисодиёти кишвар дар асоси ташаккул ва инкишофи фаъолияти корхонаҳои истеҳсолкунандаи барқ, тақсиму таъмини он ва ташкили дурусти низоми беҳтари идоракунии соҳа вобаста аст.

Ҳамин тавр, самаранокии фаъолияти идоракунии соҳа, таъмини воқеии мустақилияти иқтисодии корхонаҳо, рақобатпазирии онҳо ва ҳолати молиявии онҳо дар бозор бештар аз низоми илман асоснокардашудаи ташкили баҳисобгирии бухгалтерии ватанӣ-ҳамчун қувваи махсуси ҳаракат ва пешбарандаи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва омили тадбиқи вазифаи назорати давлатии амалиётҳои корхонаи хизматкунанда вобаста аст.

Дар марҳилаи нави бунёди пойгоҳи ҳуқуқию меъёрии низоми ташкили баҳисобгирии бухгалтерии ватанӣ, мувофиқгардонии воқеии он ба низоми нави иқтисодиёти миллӣ, инчунин ба стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ, махсусан баҳисобгирии идоракунӣ, қобили қабул будани онҳо ба талаботи фаъолияти корхонаҳои соҳаи энергетикаи тоҷик мазмуни навро гирифта, ташкили илман асосноки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун омили муҳими таъмини самаранокии фаъолияти муассисаҳои соҳаи истеҳсол, тақсим ва таъмини неруи барқ тоҷик хизмат мекунад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки набудани асосҳои методологияи ягона, тавсияномаҳо ва дастурҳои методологии барои дуруст ташкил намудан ва ҷорӣ кардани баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ таъсири манфии худро ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаҳои соҳаи таъмини

қувваи барқ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии ин соҳа, қабули қарорҳои илман асосноки идоракунӣ дар ин самт мерасонад.

Бунёди низоми ғайрианъанавии ташаккули ахбор оид ба хароҷоти истеҳсолот ва натиҷаҳои молиявӣ, қабули тарзи нави идоракунии он, баланд бардоштани арзишнокии ахбори қабулгардида барои таҳлил дар марҳилаи ҳозираи фаъолияти корхонаҳои низоми истеҳсол, тақсим ва таъмини қувваи барқ яке аз проблемаҳои актуалии низоми баҳисобгирии бухгалтерӣ, ба ҳисоб рафта, раванди омӯзиш ва таҳқиқоти проблемаҳои он дар оянда ҳамчун объекти таҳқиқот боқӣ монда, омӯзиши ҷиддиро талаб мекунад.

Ҳамзамон дар шароити рушди низоми иқтисодиёти бозаргонӣ ҳар як ташкилоти тиҷоратӣ мутақилона ҳуқуқи интихоб кардани роҳи тараққиёт, намудҳои истеҳсол ва барориши маҳсулот, ҳаҷми истеҳсолот, фурӯш, таъмини кадрӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсати сармоягузорӣ ва ғайраро пайдо мекунад, ки ҳалли самаранок ва қабули қарорҳои илман асосноки дар ин самт қабулгардида аз сифати ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳолати хизматрасонӣ дар ин самт вобаста буда, дар оянда торафт меафзояд.

Ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида ба ҷамъоварию коркарди ахбори бухгалтерӣ, гирифтани маълумоти зарурии муҳосибӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳлили хароҷоти идоракунӣ, ҳуҷҷатикунонии саривақтии амалиётҳои баҳисобгирии идоракунӣ алоқаманд буда, омӯзиши доимӣ ва такмили раванди низоми баҳисобгирии хароҷоти идоракуниро талаб мекунад.

Инчунин банизомдарории раванди баҳисобгирии бухгалтерӣ, ҷорӣ кардани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявию идоракунӣ, стандартҳои байналмилалии аудит, амалӣ гардонидани усулҳои иқтисодии идоракунӣ, ҷорӣ намудан ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии баҳисобгирии идоракунии хароҷотро талаб мекунад.

Ҳамин тавр зиёд гардидани талабот нисбат ба самаранокии стратегияи идоракунии моҳияти вазифаҳо ва таҳияи қарорҳои нави замонавиро дар соҳаи стратегияи баҳисобгирии идоракунӣ муайян месозад. Вобаста ба ин муҳиммияти махсусро масъалаи муайян кардани хусусиятҳои назариявию методологӣ дошта, муаммоҳои дар ин самт ҷой дошта, ки зарурияти таҳияи мафҳумҳои мувофиқ ва ташаккули консепсия ва стратегияи баҳисобгирии идоракунӣ, ҷавобгӯ ба талаботи сиёсати баҳисобгирии ҷумҳуриявӣ доштаро муайян карда, роҳҳои ҳалли онро пешниҳод кардан лозим меояд, ки чунин ҳолат таҳқиқоти махсуси илмиро талаб мекунад ва муҳиммияти таҳқиқотии онро муайян месозад.

Омӯзиш ва таҳлили масъала нишон медиҳад, ки то ҳоло муносибати ягона ба мазмуни назариявӣ ва методологии стратегияи баҳисобгирии идоракунӣ таҳия нагардидааст. Платформаи консептуалии баҳисобгирӣ, ки

имконият диҳад онро аз дигар шаклҳои баҳисобгирӣ ҷудо кунед ё онро маҳдуд созед вуҷуд надорад.

Ҳамаи ин дар маҷмӯъ муҳиммияти интихоб ва таҳқиқоти кори илмии иҷронамудаи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович аз рӯйи масъалаи дар боло зикр гардида, муайян мекунад.

**Баҳо додан ба мазмуни диссертатсия, дараҷаи асосноккунӣ ҳолатҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳия гардидааст, асоснокии ва навгонии он.**

Кори диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ собит карда шуда, дараҷаи коркардшавии он арзёбӣ гардидааст. Мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии он баён гардидаанд.

**Дар боби якум** «Ҷанбаҳои назариявии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, назорат дар корхонаҳои электроэнергетика» (саҳ. 11-77) махсусан масъалаҳои баҳодиҳии ҳолати муосири бозори ватани неруи барқ ва иқтидор (саҳ.11-22), таркиби ташаккули заминаи иттилоотии ҳисобкунии арзиши аслӣ дар мувофиқа ба ислоҳоти модели идоракунии энергетика (саҳ. 22- 38), нақши баҳисобгирӣ ва аудити идоракунӣ дар ташаккули арзиши хизматрасонӣ оид ба интиқол ва тақсими неруи барқ (саҳ. 38-57), ташаккул, таснифот ва баҳодиҳии масрафи неруи барқ, аҳамияти низоми баҳисобгирӣ ва аудити идоракунии хароҷот дар шароити муосир, марҳилаҳои рушди онҳо таҳқиқ, заминаи илмии он, мафҳуми арзиши аслии неруи барқ мутобиқи СБҲМ муайян карда шудааст.

**Дар боби дуюм** «Хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ дар корхонаҳои таъминотии барқи Тоҷикистон (саҳ. 78), аз он ҷумла таҳқиқи методика ва ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ (саҳ. 78-98), таркиби баҳисобгирии таҳлилии таъминоти иттилооти ташаккули хароҷот, интиқол ва тақсимоти неруи барқ (саҳ. 98-117), ҷамъбасти равишҳои амалӣ дар ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот интиқол ва тақсими нерӯи барқ мувофиқи марказҳои масъулият (саҳ. 118-133) пешниҳод гардидааст.

**Дар боби сеюм** «Методикаи аудити идоракуниии хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ дар шароити истифодаи технологияҳои иттилоотӣ» (саҳ. 137-183), махсусан масъалаҳои хусусиятҳои ташкили аудити идоракунии дохили хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ (саҳ.137-154), аудити дохилӣ, хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ (саҳ.154-168), таҳлили каррелятсионӣ-регресионии баҳодиҳии дурнамои хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ (саҳ. 168-183) барраси гардида, барои афзоиши ташкили

низоми оқилона ва самараноки таъминоти баҳисобгирӣ- таҳлилӣ хароҷот дар ин соҳа тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳо ва тавсияҳо оид ба мукаммалгардонии низоми баҳисобгирӣ ва аудити арзиши аслии неруи барқ, беҳтарсозии натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои соҳаи энергетикии ҷумҳурӣ ҷамъбаст карда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 152 адад монография, мақолаҳои илмӣ, сарчашмаҳои оморӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии давлатии ба мавзӯи таҳқиқот алоқаманд, инчунин 16 замима дар ҳаҷми 39 саҳ. пешниҳод карда шудааст.

**Асоснокунӣ ва боварибахш будани хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия пешниҳод шуда**. Дар натиҷаи таъмини таҳлили ҳаматарафаи иқтисодӣ, тамоюли рушди механизм ва низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин истифодаи маълумотҳои объективии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК «Барқи тоҷик» ва сохторҳои он, маводҳои ҷамъовари кардаи худи муаллиф ба даст оварда ташкил мекунад.

Илова бар ин истифодаи усулҳои махсус дар рафти гузаронидани таҳқиқот, эътимоднокии маълумот, миқдори кофии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди таҳлилӣ ва қиёсии натиҷаҳои пажӯҳиш ва интишорот дар конференсияҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии асоснок, бо истифода аз усулҳои пешқадами омӯзиш ва таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфта, пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия.**

1. Муаллиф дар асоси ҷамъбаст миқдори зиёди адабиёт ва мақолаҳои илмӣ (саҳ. 38-57), ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавқеи худро оид ба мафҳуми «баҳисобгирии идоракунӣ», «алоқамандии он ба низоми баҳисобгирии молиявӣ», «баҳисобгирии хароҷоти идоракунӣ», «муайян кардани фарқияти байни баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ» (дар мисоли баҳисобгирии хароҷот) (саҳ. 43-44), се унсури асосие, ки барои бо муваффақият ҷорӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд (саҳ.46), унсурҳои иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқ (саҳ. 48), оид ба мафҳуми илми «Аудит», таҳлили ақидаҳои олимони ватанӣ оид ба мафҳуми аудит (саҳ. 48-49), ҳамин тавр муаллиф қайд менамояд, ки «дар адабиёти илмии ватанӣ моҳияти аудити амалиётӣ кам таҳқиқ шудааст, асарҳое, ки аудити амалиётиро шарҳ медиҳанд на ҳамаашон ба нуқтаи назари

олимони хориҷӣ ва ба эҳтиёҷоти рушди мутаносибии иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологии миллӣ мувофиқат мекунанд» ва шарҳи мафҳуми «аудити амалиётӣ» - ро дар манбаҳои иқтисодии дохилӣ ва хориҷӣ дар шакли ҷадвал пешниҳод кардааст (саҳ. 51-52).

2. Бо ақидаи унвонҷӯ «аудити идоракунии хароҷоти интиқол ва таъмини барқ як намуди аудити амалиётие мебошад, ки мақсади асосии он баҳо додан ба асосноккунии моддаҳои арзиши аслии ин гуна хизматрасониҳо, оқилона будани хароҷоти ба амал омада ва мутобиқати онҳо бо заминаҳои меъёрӣ, иҷрои чорабиниҳои батанзимдарории иқтисодӣ-ҳуқуқӣ ва ташкил оид ба муносибгардонии чунин хароҷот дар асоси таваҷуҳи фаъолияти мутавозунии амалиётии корхонаҳои таъминкунандаи барқ аст», ки ин ақидаи қобили қабул аст (саҳ.55-56). \

Ин ақидаи муаллиф ба андешаи мо баҳснок аст ва мо пурра ба ин розӣ шуда наметавонем, зеро хароҷоти на ҳамаи намуди захираҳо барои истеҳсоли маҳсулот аст. Шояд хароҷот як қисми захираҳо аст, ки барои истеҳсол намудани маҳсулоти аниқ сарф мегардад. Андешаҳои муаллиф оид ба мафҳуми хароҷоти иқтисодӣ барои инкишофи минбаъдаи илм дар ин самт мусоидат мекунад.

3.Дар асоси омӯзиш ва таҳқиқоти адабиёти илмӣ ва дастурҳои методӣ муаллиф таснифоти хароҷоти корхонаҳои таъминкунандаи неруи баркро вобаста ба намудҳои фаъолият пешниҳод намудааст, ӯ кӯшиш кардааст, ки сохтори хароҷоти корхонаи таъминкунандаи неруи баркро ҳангоми ҳисобкунии нархномаи интиқол ва тақсимоти неруи барқ нишон диҳад (саҳ.65), низоми таҳлили муқоисавии таркиби элементҳои хароҷоти амалиётро таҳия намуда пешниҳод кардааст, ки истифодаи он дар амалия аз аҳамият кам нест (саҳ. 67-68); дар рисолаи илмӣ ба таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати муосири бозори ватанӣ неруи барқ ва иқтидори он, таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ оид ба неруи барқ ва хусусиятҳои ҳалли он, динамикаи истеҳсоли неруи барқ (млн. КВТ, соат), нақши истифодаи неруи барқ дар ҳалли масъалаҳои стратегии давлат, нишон дода шуда, нақшаи муносибатҳои иштирокчиёни БЯҶНБИ ҳамчун асос барои ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ оид ба нархи молҳои энергетикӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ. 21).

4. Бори аввал дар асоси маводҳои корхонаҳои таъминкунандаи барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили низоми баҳисобгирии хароҷоти идоракунӣ ва аудити он (саҳ. 38-57), нақши он дар ташаккули арзиши хизматрасонӣ оид ба интиқол ва тақсими неруи барқ, таснифот ва баҳодиҳии масрафи неруи барқ тибқи СБҲМ (саҳ. 57-72), ҳолати муосири бозори ватании неруи барқ ва иқтидорӣ он мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор дода шудааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки методикаи

ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ (саҳ.78-97), таркиби баҳисобгирӣ–таҳлилии таъминоти иттилоотии ташаккули хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ (саҳ.98), нишон дода, якҷоясозии мафҳумҳои «Низом» ва «Иттилоот» -ро роҳи ноил шудан ба мақсадҳо дар ин самт гузошта шуда меҳисобад, ки ин аз ҷиҳати методӣ дуруст аст (саҳ. 99).

Ҳамзамон ӯ дар ақидае ҳаст, ки таҳқиқоти илмии мафҳумҳои «маълумоти баҳисобгирӣ ва назорат» ва «иттилооти баҳисобгирӣ–таҳлилӣ» нишон медиҳад, ки мафҳуми «низом» аз ҷиҳати муқаррароти бунёди иттилоот, аз ҷиҳати мундариҷаи он номуайян аст. Ӯ нишон медиҳад, ки аҳамияти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ-таҳлилӣ ба хусус дар мавриди ба назар гирифтани хусусятҳои соҳавии субъектҳо зиёд мешавад» (саҳ. 100).

5. Аз ҷониби унвонҷӯ нақшаи ҳаракати ҷараёни иттилоот дар низоми тақсимоти баҳисобгирӣ-иттилоотиро оид ба интиқол ва таъмини барқ (саҳ. 102), марҳилаҳои ташкили таъминоти баҳисобгирӣ- таҳлилии хароҷоти интиқол ва таъминоти неруи барқ (саҳ. 104), раванди баҳисобгирӣ- таҳлилии хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ (саҳ. 108), ҷараёни иттилоот аз рӯйи нишондиҳандаҳои хароҷоти корхонаи таъминоти барқ дар низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии иттилоотӣ (саҳ102) пешниҳод карда шудааст, ки аз нигоҳи мо истифодаи онҳо дар амалия на танҳо аҳамияти илмӣ, балки методологӣ доранд.

6. Дар рисолаи илмӣ ҷиҳатҳои методии ташкили аудити идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ, махсусан хусусиятҳои ташкили аудити идоракунии дохилии хароҷоти истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, самтҳои асосии гузаронидани аудити идоракунии дохилии хароҷот оид ба интиқол ва тақсимоти неруи барқ, усулҳо ва тарзҳои аудити идоракунии дохилӣ ва назорати дохилӣ (саҳ.146-147), таснифоти хароҷоти амалиётӣ, ҳамчун объекти баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити идоракунӣ барои иҷрои амалиёт оид ба интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ (саҳ.148), мушкилоти асосии татбиқи аудити идоракунии дохилии ХИТ (саҳ. 153) нишон дода, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-экологии аудити идоракунии дохилии хароҷоти интиқол ва таъминоти барқ (саҳ. 160-162), шакли пурсишномаи назорати аудитор оид ба баҳодиҳии хароҷоти интиқол ва таъмини неруи барқ (саҳ.166-167) пешниҳод карда шудааст.

7. Аз ҷониби унвонҷӯ вазъи мавҷудаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии таҳияи ҳисоботи молиявӣ ва идоракунӣ ва натиҷаи фаъолияти молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, нишон дода шудааст, ки неруи барқ ҳамчун объекти махсуси баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Ташкил ва пешбурди низоми мукаммали баҳисобгирӣ ва аудити идоракунӣ дар шароити

имрӯзаи рушди соҳаи энергетика то рафт муҳимтар мегардад. Ҳамзамон, муаллиф исбот кардааст, ки истифодаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ хароҷоти истеҳсолӣ, интиқол ва тақсими неруи барқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ, рушди илмии баҳисобгирӣ ва аудити замона мутобиқат накарда, зарурияти такмили низоми ташкил ва татбиқи унсурҳои асосии баҳисобгирӣ ва аудити идоракунӣ барои таъмини самараноки фаъолияти молиявии корхонаҳои соҳаи энергетикаи кишвар зарур аст.

Инчунин дар диссертатсия зарурияти бунёди низоми илман асоснок ва мукаммали аудити идоракунии раванди баҳисобгирии идоракунӣ ва шакли дурусти аз ҳисоббаробари хароҷоти истеҳсол, интиқол ва тақсими неруи барқ дар шароити ташаккул ва рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ талафоти неруи барқ асоснок карда шуда, пешбинӣ карда шудааст, ки дар ҳолати татбиқи баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъул нисбат ба баҳисобгирии мутобиқи талаботи низомномаҳо ва дастурамалҳои мавҷуда ва бо истифода аз имконияти барномаи MS Excel нисбат ба истифодаи барномаи махсуси муҳосибии гаронарзиши раванди баҳисобгирӣ, таҳияи ҳисобот ва қабули қарорҳои фаврии идоракунӣ такмил дода мешавад.

8.Диссертант модели сегментитсионии низоми баҳисобгирии арзиши аслӣ ва ҳисоботи идоракуниро бо назардошти ҷудо кардани фаъолияти ШҲСК «Барқи тоҷик» аз рӯйи сегменти асосӣ ва муносибатҳои амудии идоракунии корхонаро таҳия ва пешниҳод намуда, имконияти афзоишро дар ҳолати таҳлили моддаҳои хароҷот ва маълумоти ҷамъбастӣ таъминкунандаро нишон додааст, ки истифодаи дурусти он барои таъмини фаъолияти низоми баҳисобгирӣ ва самаранокии корхонаҳои соҳаи барқ таъминкунанда мусоидат менамояд.

Ҳамаи ин эътимоднокии хулоса, тавсияҳои диссертатсияро оид ба ҳалли масъалаҳои рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта, таъмин менамояд.

Дар маҷмӯъ ба мазмуни диссертатсия баҳо дода қайд кардан ба маврид аст, ки аз тарафи унвонҷӯ кори зиёде оид ба таҳияи диссертатсия анҷом дода шудааст. Дар он хулосаҳои зиёди такрорнашаванда, ақидаҳои нав ва тавсияҳои амалӣ аз рӯйи масъалаҳои алоҳидаи рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқи ҷумҳурӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки истифодаи онҳо барои таъмини самараноки ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва фаъолияти молиявии соҳаи барқи тоҷик мусоидат мекунад.

Дар баробари бартариятҳои номбаршуда рисолаи илмӣ аз камбудиҳои муайян низ орӣнест, ки ба як қисми онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоем:

1. Азбаски мақсади мавзӯи таҳқиқот аз омӯзиш ва таҳлили илмии масъалаи баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот иборат аст, бинобар ин

беҳтар аст, ки номи саволи 1.1. боби якум ин тавр номгузорӣ карда шавад: «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати аудиторӣ дар соҳаи электроэнергетика», ё ин ки «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили низоми баҳисобгирӣ, аудит ва нақши онҳо дар таъмини рушди бозори ватании неруи барқ». Ҳамин тавр саволҳои 1.2 ва 1.3 якҷоя карда шаванд. Ба нақшаи корӣ беҳтар мебуд, ки масъалаи омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ташкили баҳисобгирии хароҷоти хизматрасонии истифодаи электроэнергетика дар амалияи ҷумҳурӣ илова карда шавад.

2. Дар қисми ҳолати омӯзиши масъала ному насаби олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ оварда шудааст, аммо номгӯи корҳои илмии онҳо дар рӯйхати адабиёти истифодашуда нест. Мисол: Адамс Р., Е.А. Аренс, К.Х. Барфиев, Б.И.Валдев, Ф.Л. Дефлиз, А.М.Кузминский, Ю.А. Кизминский, Л.Д. Поркер, В.Ф. Палий, В. Мартенс, Б.Роизберг, Ц.К. Робертсон, Г.Фендел, Н.И. Филинков, Х. Хауштайн, Ч. Шумпетер, З.Р.Шарифов ва дигарон. Ҳамин тавр боз дар саҳифаи 51 диссертатсия ному насаби олимони хориҷӣ Р. Адамс, Е.А. Аренс, Ф.Х. Дефлиз, Г.Р. Джениз, Дж. К. Лоббек, И.К. Муруевой, Л.Д.Паркер, М.Б.Хирш оварда шудааст. Агар номгӯи корҳои илмии олимони дар боло зикр шуда, ба мавзӯи таҳқиқот мувофиқ бошанд, ба рӯйхати адабиёти истифода шуда бояд дохил карда шаванд.

3. Дар саҳифаи 47 расми 1.5 «Унсури иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқ» пешниҳод карда шудааст. Шояд ин хуб бошад. Лекин аз ҷониби муаллиф ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он барои корхона нишон дода нашудааст.

4. Беҳтар мебуд, ки ҳолати таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии хароҷоти идоракунӣ дар муассисаҳо, корхонаҳои алоҳидаи сохтори энергетикии кишвар таҳлил карда мешуд. Методҳои баҳисобгирӣ ва колкулятсияи онҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешуд ва оид ба низоми даровардани ҳолати мавҷудаи баҳисобгирии хароҷот ва аудити он таклифҳо пешниҳод карда мешуд.

5. Мавриди таҳқиқот қарор додани масъалаи ташкили баҳисобгирии хароҷоти идоракунӣ дар корхонаҳои комплексӣ ё кластери энергетикии ҷумҳурӣ дар асоси таснифоти соҳавии онҳо бо назардошти хусусиятҳои раванди истеҳсоли он, ба беҳтар шудани сифати кори диссертатсионӣ мусоидат мекард. Ҳамин тавр масъалаи омӯзиши алоқамандии баҳисобгирии идоракунӣ бо дигар шаклҳои баҳисобгирӣ (баҳисобгирии оморӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, андоз, экологӣ, иҷтимоӣ барои беҳтар кардани алоқамандии низоми баҳисобгири мусоидат мекард.

6. Методҳои ҷорӣ кардани марказҳои масъул ва нақши онҳо дар фаъолияти корхонаҳои низоми барқтаъминкунанда таҳия ва бояд нишон дода мешуд.

7. Таҳқиқот ва таҳия намудани тавсияҳоро оид ба механизми ташкили иқтисодӣ ва чуқуртар кардани интегратсияи дохилии байни соҳавии корхонаҳои соҳаи энергетика дар доираи инфрасохтори минтақа дар асоси истифодаи низоми баҳисобгирии бухгалтерӣ мутобиқ ба СБҲМ зарур мешуморем.

8. Рисолаи илмӣ дорои хатоҳои имлоӣ ва стилистикӣ мебошад. Забони навишти диссертатсия беҳбудиро талаб мекунад.

Камбудӣ ва эродҳои зикргардида ба арзиши сифати кор таъсири манфи намерасонанд. Автореферат ва корҳои чопшудаи муаллиф, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашриёҳои илмӣ ва илмии истеҳсолӣ, дар нашриёҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва ба қайд гирифта шудаанд, чоп шудаанд.

Кори диссертатсионии Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович ҳамчун кори пурра ба охир расидаи илмӣ – касбӣ дониста шуда, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии он, инчунин он вазифаҳои илмӣ–амалии ҳал гардида, хусусиятҳои низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқиро инъикос мекунад, ки тавсия ва пешниҳодҳои он ба такмил додани ташкили дурусти низоми ташкили баҳисобгирии хароҷоти идоракунӣ ва аудити он равона шуда, истифодаи онҳо самаранокии низоми баҳисобгирии шабакаҳои барқи ҷумҳуририро таъмин менамояд.

Кори диссертатсионӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиб додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6Д050800 - Баҳисобгирӣ ва аудит мувофиқ буда, муаллифи он Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович ба дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мувофиқ мебошад.

Муқарризми расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ,
мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Шарифов З.Р.

Суроға: 734003, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Телефон (р) +992.30.500.44.00 Email. Zarif –sharifov. 49@ mail. ru.
Имзои д.и.и., профессор Шарифов З.Р.
Тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи
таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Тағоева М.А.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОХТЕМУР
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ